Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058
назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

**1. Муҳимияти мавзуи диссертатсия.**

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави инкишофи давлатдории миллӣ ворид шудааст. Бинобар ин зарурият ба миён меояд, ки барои пешрафти кишвар чорабиниҳои стратегии рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, инчунин беҳтар тардонидани зиндагонии аҳолӣ қабул карда шаванд. Бо назардошти ин ҳардоим зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо дар сохтори хоҷагии халқ ба вуҷуд меояд.

Дар марҳилаи истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон омӯзиш ва ҷобаҷогузории самараноки қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияҳои иқтисодии мамлакат аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳқиқи сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия, инчунин муайян намудани проблемаҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷойдошта зарурияти дар ин самт бурдани таҳқиқотро ба миён мегузорад.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор шаҳру ноҳияҳои қисмати марказии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки дар он сарватҳои зиёди табиӣ, ба мисли захираҳои обу энергетика, маъданӣ ва ғайримаъданӣ мавҷуданд. Бо назардошти ин сабаби интихоби обеъкти таҳқиқоти кори илмии диссертатсияи илмӣ гардидааст. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки азхудкунӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи саноатӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаҳои гуногуни комуникатсионӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ҳудуди ноҳия кам омӯхта шудааст. Чунин ҳолати ҷой дошта муҳимияти мавзуи таҳқиқотии интихобгардидаро нишон медиҳад, ки ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад.

**2. Дарачаи омӯхташавии мавзуи таҳқиқот** ба таҳқиқи асосҳои назариявии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳия дар корҳои зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба дуруст истифода кардани методҳои муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ. асос ёфтааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунӣ, таҳлил, таҳия ва коркарди механизмҳои рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар шароити гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ мебошад. Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гузаронида шудааст ва барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷиҳати рушди вазъи иқтисодӣ –географии ноҳия дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст.

Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд, инҳоянд:

1. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили масоили назариявӣ ва методологии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор исбот карда шуд, ки он ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти иқтисодӣ ва экологиро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни табиат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунад.

2. Маълум карда шудааст, ки дар ноҳия бунёди боғҳои интенсивӣ ва токпарварӣ хуб рушд ёфта истодааст ва дурнамои тараққиёти ҳудудии онҳо сол то сол афзуда истодааст. Дар асоси соҳаи токпарварии ноҳия, дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав корхонаҳои нав оид ба коркарди саноатии ангур ва истеҳсоли коняк, вино бунёд шуда истодааст, ки ҷавобгӯи омилҳои географӣ мебошад. Дар натиҷа корхонаҳои хурди саноатӣ дар асоси хоҷагиҳои деҳконии боғдорӣ ва ангурпарварии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав рушт дода метавонем.

3. Муайян кардани сарватҳои табиӣ дар ҳудуди ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз лиҳози географӣ имконият медиҳад, ки дар асоси захираи ин ашёҳои хом бунёди заводи истеҳсоли хишти ба оташ тобовар, бунёди сохтмони корхонаи коркарди маъдан, бунёд намудани корхонаи истеҳсоли шиша дар ноҳияи Варзоб, корхонаҳои саноати маҳсулотҳои индустрияи бинокорӣ (хишт, оҳак, сангҳои сохтумонӣ), бунёд намудани

корхонаи истеҳсоли нуриҳои менералӣ (фасфарӣ) дар ноҳияи Варзоб ба роҳ мондан мумкин аст.

4. Мувофиқи таҳлили таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор он ба чунин давраҳо ҷудо карда шудаанд:

– дараҷаи баланди рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ки ба солҳои 1971 – 1990 рост меояд;

– пахтакорӣ дар ноҳия аз солҳои 1880 оғоз гардида, танҳо кишти навъи пахтаи ғӯза гузаронида мешуд ва дар охири асри XIX ва аввали асри XX пахтакорӣ дар ноҳия ба пурраги рушд намуда, маҳсулоти содиркунандаи ноҳия гардид;

– аз соли 1913 сар карда, ворид намудани нуриҳои азотӣ шуруъ гардид, ки баъд аз ин ҳосили заминҳои кишт дучанд гардид;

– аз соли 1930 сар карда, дар ноҳия таъсис додани колхозу савхозҳо оғоз ёфт, ки боиси пешрафт ва истифодаи босамари заминҳои кишт ва аз як замин бардоштани то ду ҳосил оғоз гардид.

– созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) яке аз роҳҳои муҳими минбаъд ба низом овардани пешрафти иқтисодӣ гардид, ки дар натиҷа аз комёбиҳои муҳими замони истиқлолият дар ноҳия - сохтмони шоҳроҳҳои автомобилгарди Душанбе – Турсунзода, Душанбе – Ваҳдат, Душанбе – Варзоб, нақби Истиқлол ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо пуррагӣ аз бумбасти камуникатсионӣ баромад.

5. Таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор яке аз проблемаҳои муҳимми ноҳия ба шумор меравад, чунки захираҳои меҳнатӣ ҳамасола дар ноҳия афзоиш меёбанд, ба машғулиятҳои расмӣ фаро гирифтани аҳолии ноҳия, ҳамоно ташвишовар боқӣ мемонад; ягона роҳи ҳалли масъалаи мазкур дарёфт ва ташкили ҷойҳои кории аҳолӣ бо роҳи сохтмони корхонаҳои саноатии меҳнатталаб ба шумор меравад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки барои ҳаллӣ проблемаҳои иқтисодӣ – географии соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бунёди автомагистрал дар атрофи шаҳри Душанбе бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои тамбашавӣ дар роҳҳои марказии ш. Душанбе, гузаштан ба истифодаи қувваҳои алтернативии сузишворӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагонии сокинони ноҳия, бунёди метро дар шаҳри Душанбе барои беҳтар намудани вазъи нақлиёти мусофиркашонӣ дар ноҳия; рушди сайёҳӣ ва рекреатсия, ба монанди сайёҳии саноатӣ, сайёҳии намоишӣ, агросайёҳӣ, этносайёҳӣ ва сайёҳии экологии деҳот дар шароити ноҳияи иқтисодии Ҳисор метавонад дар пешрафти ноҳия ва пайдо намудани ҷойҳои кории нав мусоидат намояд.

**4. Сохтор ва мундаричаи диссертатсия.**

Диссертатсияи илмии аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи иқтисодӣ - географии ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихи ташакулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавриди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки тараққиёти иқтисодиёти ноҳия бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда ниёз дорад. Самаранокии иқтисодӣ ҳамон вакт ба даст оварда мешавад, ки барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсол ва кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи коргарӣ, сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ кам сарф шавад. Вобаста ба ин яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ноҳия, ин коркарди комплексии сарватҳои табиӣ мебошад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар заминаи мавҷудияти захираҳои бузурги сарватҳои табиӣ, энергетикӣ бунёди насли якуми истеҳсолоти саноатӣ, саноати энергетикӣ, металургияи ранга ва кимиёвӣ ноҳияи иқтисодии Ҳисор дар байни ноҳияҳои дигари иқтисодии Тоҷикистон дар ҷои аввал мебошад.

Дар баробарӣ пешравиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор вазъи экологиро низ бояд ба назар гирифт, то ки ҳолати экологии минтақа набояд аз ҳад ифлос гардад. Дар ҳолати бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ ва нақлиёт истифодаи сарватҳои табиӣ зиёд гардида ҳолати экологии минтақа дигаргун мегардад. Барои ҳамин бояд кӯшиш намоем, ки заводу фабрикаҳои замонавии кампартов ва иншоотҳои саноатии коркарди партов сохта ба истифода дода шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат, ҷалби қувваҳаи истеҳсолкунанда ба соҳаҳои саноат, ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ, аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳия мавриди таҳлил қарор шудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки ҳангоми ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири омили демографӣ хело зиёд аст. Зеро дар ҷамъият он на фақат омили истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, балки

истеъмолкунандаи он низ мебошад. Ин омил ҳангоми ҷойгир намудани соҳаҳои кишоварзӣ низ ба назар гирифта мешавад. Яъне ҷойгиршавии соҳаҳои кишоварзӣ на фақат ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ, балки ба таносуби истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки раванди саноатикунонии босуръати кишвар ба раваннди талаботҳои географии оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқат карданаш мумкин аст. Аз тарафи дигар, дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудудҳои алоҳида ниёз дорад, зеро самаранокии иқтисодӣ танҳо ҳамон вақт амалӣ мегардад, агар барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсоли маҳсулот, кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи корӣ, истифодаи сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ сарфакорона истифода шавад.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф иброз менамояд, ки яке аз унсурҳои асосии таркиби хоҷагии халқ кишоварзӣ мебошад. Вазифаи асосии соҳаҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама аҳолиро ба маҳсулоти озуқа ва корхонаҳои саноати сабук ва хурокворириро бо ашёи хом таъмин намудан аст. Аз ин рӯй муаллиф қайд менамояд, ки кишоварзони соҳибтаҷриба ва асилу кордони ноҳия дар масъалаи истифодаи оқилонаи обу замин, яъне маданияти заминдорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҷамъоварии 2 - 3 ҳосил аз заминҳои обӣ, ва дар самти ҷорӣ намудани шаклҳои муосири хоҷагидорӣ дар мамлакат пешсаф мебошанд.

Диссертант ба масъалаи омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар ноҳия диқақти ҷиддӣ дода, барои муайян намудани дараҷаи урбанизатсия ва хусусан таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои кор ва таъмини озуқаворӣ кушиш ба харҷ додааст. Ҳангоми омӯзиши аҳолии ноҳия маълум гардид, ки ҷараёни урбанизатсия дар шаҳри Душанбе назаррас аст. Шумораи аҳолие, ки аз ноҳияҳои гуногун барои кор ба шаҳри Душанбе меоянд хеле зиёд гардида истодааст. Аз тарафи дигар, дар ҳудуди ноҳияи иқтисодии Ҳисор аҳолӣ ба таври нобаробар ҷойгир шудааст. Ба ин пеш аз ҳама омилҳои таърихӣ ва табиӣ таъсири зиёд расонидааст. Дар ҷойгиршавии аҳолӣ сиёсати демографии собиқ Шӯравӣ низ таъсири зиёд дорад. Илова ба ин рушди илму техника ва соҳаҳои хизматрасонӣ низ қодиранд ба ҷойгиршавии аҳолӣ таъсири назаррас расонад.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки бо вуҷуди афзбиши корхонаҳои саноатӣ ва баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар ноҳия, аҳолӣ ҳанӯз бо ҷои кор ба пуррагӣ таъмин нагардидаанд. Ҳангоми омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии ноҳия бунёди корхонаҳои саноатии меҳнатталаб дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Турсунзода, Вахдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Шаҳринав боиси кам гардидани шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ ва кам шудани бекорон дар ноҳия гардида барои рушди устувор ва самаранокии меҳнат дар тамоми минтақаҳо замина хоҳад гардид.

**Боби сеюми диссертатсия – «Дурнамои рушд, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноат, дурнамои соҳаҳои кишоварзӣ, проблемаҳои иқтисодӣ – географии рушди соҳаҳои нақлиёт ва дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллиф дурнамои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор бояд ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ашёи хом ва истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ равона карда шавад. Яке аз шартҳои муҳими рушди минбаъдаи соҳаҳои саноати ноҳия ин ба таври комплексӣ коркарди канданиҳои фоиданок ва дуруст истифодабарии захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Мушкилоти асосие, ки дар самти энергетикаи ноҳия ба мушоҳида мерасад, ин норасогии хатҳои интиқоли барқ, танзими ноустувори шиддат, бахусус дар фасли зимистон, таъмирталаб гардидани таҷҳизотҳои истгоҳҳои барқӣ, ки ба азнавсозӣ ниёз доштани онҳо пайдо гардидааст. Баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ – энергетикӣ имконият медиҳад, то рушди босубот ва самараноки ҳамаи зернизомҳои комплекси сузишворию энергетикии ноҳия таъмин карда шавад.

Инкишоф ва пешрафти кишоварзӣ барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дар асоси дигаргунсозиҳои соҳаҳои он имконпазиранд. Кишоварзӣ яке аз муҳимтарин манбаи боло бурдани сатҳи тараққиёти саноати сабуку хӯрокворӣ мебошад. Оқилона ташаккул додани он метавонад дар як мухлати наздик дигар соҳаҳои асосиро эҳёву инкишоф диҳад. Роҳи асосии сиёсати аграрии ноҳияи иқтисодии Ҳисор ин мунтазам вусъат намудани истеҳсолот – иқтидори кишоварзӣ дар асоси маданияти баланди зироаткорию чорводорӣ бо мақсади ба даст даровардани ҳосили баланд ба роҳ монда шудааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки яке аз унсурҳои асосии таркибии тараққиёти ноҳия нақлиёт ба ҳисоб меравад. Нақлиёт омили асосии таъсир расонанда дар ташаккули минтақавӣ ва ҷойгир намудани соҳаҳои истеҳсолот мебошад. Қайд карда мешавад, ки фаъолияти бомуваффақият ва тараққиёти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз кори нақлиёт вобастагии калон дорад. Дар навбати худ сатҳи тараққиёт ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёт ба нақлиёт таъсири калон мерасонад. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор намудҳои гуногуни нақлиёт - роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ, қубурӣ ва хатҳои интиқоли барқ тараққӣ кардаанд. Вале бо сабаби релефи кӯҳӣ доштани қисми зиёди ҳудуди ноҳия истифодаи нақлиёти автомобилӣ намуди асосии нақлиёт ба ҳисоб меравад.

Дар кор қайд карда шудааст, ки аҳамият ва нақши сайёҳӣ дар самти рушди иқтисодии кишвар, қонеъ намудани талаботҳои шахсӣ, бо ҳам алоқамандии муносибатҳои иҷтимоии байни кишварҳо бо таври воқеӣ арзёбӣ намудан, кори басо мушкил аст. Рушди соҳаи сайёҳиро метавон

бо роҳи ташкили инфрасохтори замонавӣ ва муаррифӣ намудани сарватҳои туристӣ таъмин намуд. Релефи қисмати кӯҳсори ноҳияи иқтисодии Ҳисор (дараи Варзоб, Ромит) барои рушди кӯҳнавардӣ ва лижаронии кӯҳӣ ниҳоят мусоид мебошад. Рӯзҳои офтобӣ дар ноҳия кифоя буда, ин имконият медиҳад, ки сайёҳони дохилӣ ва берунӣ нафақат дар фасли тобистон, балки дар баҳор ва тирамоҳ низ аз мавзеҳои ноҳия истифода намоянд. Бинобар ин ташкилу тараққӣ додани соҳаҳои сайёҳӣ ва рекреатсия, бунёд намудани иншоотҳои санаторию истироҳатӣ дар ноҳияи мазкур ба аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам маънавӣ молик аст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар кор ба диссертант имкон додааст, ки хулосаву пешниҳодҳои муайянро оиди хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор таҳия намояд.

**5. Асоснокӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Диссертатсияи Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти № 196/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯй 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти диссертатсияи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Дар баробари бартариҳои номбаршуда ба назари мо дар диссертатсияи илмии тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд.

1. Дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ аз асарҳои олимони ватанӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор кам истифода шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ хеле бой мегашт, агар муаллиф оид ба масъалаи назариявӣ ва методологии мавзӯъ васеътар истода мегузашт ва таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисорро мувофиқи талаботҳои муосири иқтисодиёти бозории Тоҷикистон нишон медод.

3. Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор масъалаҳои зоҳиршавии рақобатпазирии ноҳияро дар бозори рақобати ғайринархӣ ва бозори рақобати нархии дохилӣ ва беруна нокифоя нишон дода шудаанд.

4. Агар муаллиф масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисорро дар асоси такмилдиҳии баландбардории тахассуснокии касбии кормандони ноҳия дар бозор нишон медоданд, қимати илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда боз ҳам хубтар мегардид.

5. Дар кор аз нишон додани нақши шарикии давлатӣ-хусусӣ дар баландбардории самаранокии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ боз ҳам баланд мешуд.

Вале ин камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Диссертатсияи Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» кори илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст, ки дастовардҳои баланди илмӣ ва амалиро соҳиб гаштааст. Кори диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи илмии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос бо пуррагӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ**
**ва байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Қарабоев, 63/3. Телефон: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам:**
**Мудири ШК ва КМ Донишгоҳи**
**технологииТоҷикистон** **Н.А. Бухориев**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА *
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Технологический
университет
Таджикистана
Подпись заверяю
Начальник ОК и Д

19.04.2023 г.